# TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE

**Course:** **Main directions for the development of human capital in the context of the digital economy in the Republic of Tajikistan**

## Week: 10.

## INSTITUTIONAL CHARACTERISTICS OF HUMAN CAPITAL DEVELOPMENT

**Rustamzoda Fitrat Muzafar** ***Lecturer of:*** Institutional characteristics of human capital development

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи курс: Самтҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




## Мавзӯъи: 10
## Хусусиятҳои институтсионалии рушди сармояи инсонӣ

*Рустамзода Фитрат Музафар*

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

## 1. Муқаддима

10.1. Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

10.2. Аҳамияти институтҳо дар баланд бардоштани сармояи инсонӣ

10.3. Хусусиятҳои хосии институтҳо дар рушди сармояи инсонӣ.

## 2. Хулоса

Ҷамъбасти мавзуъ.

## Мақсади лексия:

Хусусиятҳо, омилҳо ва принсипҳои асосии институтҳо, рушди сармояи инсонӣ ва рушди институтҳо, институтҳо ва хусусиятҳои асосии он, нақши институтҳо дар иқтисодиёт, сармояи инсонӣ ва омилҳои таъсиргузор дар шароити муосир, таҳлили ҳолати воқеии институтҳо дар иқтисодиёти муосир.

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

Институтҳо дар шароити муосир яке аз унсурҳои калидии ташаккули сохтори иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ҳисобида мешаванд. Институтҳо ҳамчун низомҳои қоидаҳо, қонунҳо ва расму оинҳое фаҳмида мешаванд, ки рафтори инсонҳоро дар дохили ҷомеа танзим менамоянд. Барои дуруст ва самаранок муайян намудани роҳҳои беҳтарсозии механизмҳои рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ дар мамлакатҳо ин беҳтар оӯхтан ва таҳлили муайян намудани моҳияти институтҳо ба шумор меравад.

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

Дар бахшҳои илмҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсатшиносӣ махсусан институтҳо баъди анҷоми зиёди таҳқиқотҳои илмӣ аз ҷониби олимону муҳақиқон чунин таърифҳоро пешниҳод намуданд. То ба имрӯз нисбат ба институтҳо мафҳуми ягона мавҷуд набуда, ҳар як таҳқиқотчи вобаста ба фаҳмиш ва анҷоми кори илмӣ хеш институтҳоро тавсиф намудааст:

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

Институтҳо - маҷмӯи қоидаҳо, меъёрҳо ва сохторҳо мебошанд, ки рафтори иштирокчиёни ҷомеаро муайян ва танзим менамоянд.

Аз ҷониби олими иқтисодшинос ва маъруфи хориҷӣ Дуглас Норт, таърифи чунин баён гардидааст - институтҳо “қоидаҳои бозӣ”-и ҷомеа ба шумор мераванд, ки сохтори ҳавасмандӣ ва муоширати байни инсонҳоро фароҳам меоранд[1].

1. Норт, Дуглас. Институтсионалӣ
ва тағйироти иқтисодӣ. (1981)

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

Дар навбати хеш институтҳоро вобаста ба вазифа ва сохти онҳо ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст:

- **Институтҳои расмӣ:** Ба чунин иститутҳо дохил мегардад қонунҳо, созишномаҳо, конститутсия ва мақомоти давлатӣ.
- **Институтҳои ғайрирасмӣ:** Анъанаҳо, урфу одатҳо, арзишҳои фарҳангӣ ва динӣ.

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

Институтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, ки дар низоми мураккаб ва гуногунандешанд, асоси муносибатҳои мутақобилаи шахсони алоҳидаро ташкил медиҳанд. Институтҳои расмиро метавон бо институтҳои ғайрирасмӣ ислоҳ кард ва баръакс, институтҳои ғайрирасмиро бо ёрии институтҳои расмӣ иваз кардан мумкин аст.

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

Ба ин муносибат Р.М.Нуреев чор варианти пайдоиши институтҳоро муайян мекунад: дар натиҷаи бархурди институтҳои нав бо қоидаҳои расмӣ; институтҳои нав бо қоидаҳои ғайрирасмӣ; институтҳои кӯҳна бо қоидаҳои расмӣ ва институтҳои кӯҳна бо қоидаҳои ғайрирасмӣ. Муҳим аст, ки ҳамаи онҳо метавонанд ба тарзи амали ин ё он шахс таъсир расонанд, ба ибораи дигар, ба интихоби нуқтаи оптималии соҳаи афзалиятҳо таъсир расонанд[1].

1. Одинаев А.М. Такмили механзими рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ. Душанбе 2023. Саҳ. 56.

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

Ҳарду намуди институтҳо дар ташаккули ҷомеаи устувор нақши муҳим мебозанд. Онҳо барои мустаҳкам намудани рушди ҷомеаи муосир дар шароити муосир нақши калидиро иҷро менамоянд. Инчунин дар шароити муосир нақши институтҳоро метавон чунин тавсиф намуд:

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

- **Танзими рафтори ичтимоӣ:** Институтҳо рафтори шаҳрвандонро бо истифода аз қоидаҳо ва қонунҳо ба низом дароварда онҳоро барои анчом додани амалҳои муайян равона менамоянд.
- **Эчоди суботи сиёсӣ ва иқтисодӣ:** Бозори шаффоф - бо дастгирии институтҳои қавӣ фаъолият менамоянд. Онҳо дар амали намудани ҳадафҳои гузошта шуда саҳмгузор мегарданд.

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

- **Таъмини рушди устувор:** Ҷомеаҳои дорои институтҳои муосир одатан сатҳи баланди рушди иқтисодӣ ва сатҳи пасти фасодро доро мебошанд.

- **Муқовимат ба бухронҳо:** Институтҳои устувор метавонанд дар шароити бухронӣ - иқтисодӣ, сиёсӣ ва ё иҷтимоӣ - нақши муҳими танзимгар дошта бошанд.

Масъалаҳои асосии институтҳо дар мамлакатҳои ру ба тараққиро дар шароити муосир метавон чунин тавсиф намуд:

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

Дар бисёр кишварҳои рӯ ба рушд, мушкилоти институтсионалӣ ба назар мерасад:

- Норасоии қонунгузории самаранок;
- Фосилаи байни институтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ.

Бартарафсозии ин мушкилот тавассути ислоҳоти институтсионалӣ метавонад барои рушди устувори ҷомеа замина муҳим фароҳам оварада шавад.

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

Метавон қайд намуд, ки дар замони муосир институтҳо ҳамчун заминаи асосии ташаккули ҷомеаи муназзам ва устувор баромад мекунанд. Таъмини фаъолияти муассири онҳо барои рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳо аҳамияти калон дорад. Дар ин замина, таҳкими қонуният, рушди механизмҳои демократӣ ва дастгирии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дар маркази сиёсати давлатҳо қарор гирад.

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

Ин вазъият инчунин аз он сабаб аст, ки таҳаввулоти илмию техникии муосир, шаклҳои ташкили истеҳсолот ва раванди ҷаҳонишавӣ хусусияти ҷамъиятии ташаккул ва такрористеҳсолкунии сармояи инсониро бештар инъикос мекунанд. Аҳаммияти аввалиндараҷаи рушди сармояи инсонӣ дар макросатҳ ба далели эътирофи умум гашта истодааст.

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

Бино ба ин, тозагии равиши аналитикии назарияи неоклассикӣ хусусияти раванди таҷдиди сармояи инсониро, ки ба он омилҳои институтсионалӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад, шарҳ дода натавонист. Асоси назарияи неоклассикӣ амсилаи интихоби оқилона дар доираи маҷмуи маҳдудиятҳо мебошад.

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

Неоинститутсионализм ин амсиларо ҳамчун амсилаи асосӣ қабул мекунад, вале онро аз як қатор шартҳои ёрирасоне, ки одатан ҳамроҳи он буданд, озод мекунад ва онро бо мазмуни нав ғанӣ мегардонад. Неоклассикҳо чунин мешуморанд, ки рафтори инсон аз сохтори институтсионалии ҷомеа вобаста нест ва ангезаи асосии рафтори ӯ принсипи ҳадди аксар расонидани фоида аст.

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

Дар ин замина, муассисаҳо ба ҳеҷ ваҷҳ ба шумораи омилҳои муҳиме, ки рафтори инсонро муайян мекунанд, мувофиқат намекунанд. Аз нуқтаи назари неоинститутсионалистҳо, шахс, гарчанде пурра набошад ҳам, дар зери таъсири ниҳодҳое қарор мегирад, ки рафтори ӯро ислоҳ карда метавонанд. Аз як тараф, муассисаҳо ҳамчун маҳдудият дар рафтори ӯ амал мекунанд, аз тарафи дигар, онҳо самти ин амалҳоро муайян мекунанд.

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

Бар асоси гуфтаҳои боло, нуқтаи назари намояндагони ин ду самт дар бораи ташаккули қобилиятҳои истеҳсолии инсон гуногун аст. Аз нуқтаи назари неоклассикӣ, шахс сармояи инсонии худро дар асоси принсипи ба ҳадди аксар расонидани фоида, яъне дар асоси имконияти дар оянда ба даст овардани даромади зиёд ташаккул медиҳад.

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

Институтҳои давлатӣ қариб дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон мавҷуданд ва инчунин қариб ҳамаи онҳо ба ташаккули сармояи инсонӣ таъсир мерасонанд. Инҳо давлатҳо, хоҷагии хонавода, низоми маориф ва илм, низоми тандурустӣ, корхона, расму оинҳои муқарраршуда мебошанд.

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

А.А.Сиренова қайд мекунад, ки «Раванди такрористеҳсоли сармояи инсонӣ дар марҳилаҳои сармоягузорӣ, ташаккул ва татбиқи онҳо дар доираи ва таҳти таъсири институтҳои расмӣ ва ғайрирасмии ичтимоию иқтисодӣ: давлат, минтақа, бозорҳо, фирмаҳои алоҳида, оилаҳо, стереотипҳои рафтор ба амал меояд».

# Мафҳум ва моҳияти институтҳо дар шароити муосир

Ба фикри мо, ба он бисёр институтҳои дигарро низ илова кардан мумкин аст, масалан, институтҳои динӣ, сексияҳои варзишӣ, ҷамъиятҳои фарҳангӣ, ҳатто кӯча, умуман ҳамаи он чизе, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии инсон ва қобилиятҳои психофизиологии он, дараҷаи маърифатнокӣ, саломатӣ ва ғайра таъсир мерасонанд[1].

1. Одинаев А.М. Такмили механзими рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ. Душанбе 2023. Саҳ. 56.

# Аҳамияти институтҳо дар баланд бардоштани сармояи инсонӣ

Дар шароити муосир аҳамияти институтҳо дар баланд бардоштани сармояи инсонӣ бениҳоят калон мебошад, зеро ба ттаваҷҷуҳи ба ин соҳа наметавонад ба он ҳадаф ва мақсадҳои гузошта шуда ноил гардид. Қайд намудан зарур аст, ки сармояи инсонӣ, ҳамчун маҷмӯи дониш, малака, қобилият ва сифатҳои иҷтимоии шахс, яке аз омилҳои муҳими рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар ба шумор рафта, аз ҷониби аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон ҷиҳати рушд ва тақвият бахшидани соҳаи мазкур якчанд барнома ва чорабиниҳои махсусро роҳандози намуда истодаанд, то дар оянда барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошта шуда, заминаҳои мусоидро фароҳам оварда истодаанд.

# Аҳамияти институтҳо дар баланд бардоштани сармояи инсонӣ

Поя ва заминаи рушди сармояи инсонӣ аз тариқи институтҳои устувор, самаранок ва масъул фароҳам оварда шуда, метавон институтҳоро чунин тавсиф намуд. Институтҳо - қоидаҳо, сохторҳо ва механизмҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ - метавонанд ба таври мустақим ё ғайримустақим ба тавсеаи имкониятҳои инсонӣ ва рушди онҳо таъсир расонанд.

# Аҳамияти институтҳо дар баланд бардоштани сармояи инсонӣ

Яке аз ҳадафҳои асосии ҷомеаи имрӯза рушди сармояи инсонӣ ба шумор меравад, ки аксарияти мамлакатҳо кӯшиш намуда истодаанд, ки вобаста ба рушд ва ташаккули сармояи инсонӣ барнома, чорабинӣ ва стратегияҳои муҳимро роҳандозӣ намоянд то ба натиҷаҳони назаррас ноил гарданд.

Тибқи назарияи иқтисодии сармояи инсонӣ (Gary Becker, 1964), сармояи инсонӣ ба сифати як навъи сармоя баромад мекунад, ки тавассути сармоягузорӣ ба таҳсилот, тандурустӣ, малакаомӯзӣ ва тарбияи иҷтимоӣ шакл мегирад.

# Аҳамияти институтҳо дар баланд бардоштани сармояи инсонӣ

Сармояи инсонӣ на танҳо дар сатҳи шахсӣ, балки дар сатҳи миллию байналмилалӣ низ ҳамчун сарчашмаи асосии рақобатпазирӣ ва навоварӣ баромад менамоянд. Дар ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ накши институтҳо низ калон мебошанд, зеро яке аз омилҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар шароити муосир ин институтҳои амалкунанда ба шумор меравад.

# Аҳамияти институтҳо дар баланд бардоштани сармояи инсонӣ

## 1. Инсттитутҳои маориф

Низоми маориф - яке аз муҳимтарин институтҳое ба шумор меравад, ки ба баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои аҳолӣ мусоидат мекунад. Муассисаҳои таълимӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф метавонанд сатҳи сифати омӯзиш ва дастрасии баробар ба маълумотро танзим намоянд. Аҳолие, ки дорои маълумоти олии мебошанд, метавонанд ба натиҷаҳои назаррас ноил гарданд. Бинобар сабаби доштани маълумот аз камбизоатӣ, бесаводи, нодонӣ ва истифодаи нодурусти технологияҳои муосир мераҳонад.

# Аҳамияти институтҳо дар баланд бардоштани сармояи инсонӣ

## 2. Институтҳои тандурустӣ

Дастрасӣ пайдо намудан ба хизматрасониҳои босифати тиббӣ, солимгардонии оммавӣ ва дастгирии иҷтимоӣ - ҳама аз сиёсати институтсионалии соҳаи тандурустӣ вобастаги зиёдро доро мебошанд. Саломатии инсон як ҷузъи асосии сармояи инсонӣ мебошад. Зеро дар ҳолати баракс шахс инсон наметавонад, ба натиҷаҳои муҳим даст ёбад.

# Аҳамияти институтҳо дар баланд бардоштани сармояи инсонӣ

## 3. Институтҳои бозор ва меҳнат

Қоидаҳои бозор, сиёсати меҳнатӣ, танзими маош ва ҳифзи ҳуқуқи кормандон аз сӯи институтҳои иқтисодӣ ва меҳнатӣ бояд ба рушди қобилиятҳои касбӣ ва ҳавасмандии аҳолӣ мусоидат намоянд. Дар сурати дуруст ба роҳ мондани фаъолияти чунин институтҳо ҷомеа метавонад, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад.

# Аҳамияти институтҳо дар баланд бардоштани сармояи инсонӣ

## 4. Институтҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ

Суботи сиёсӣ, амнияти ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон - заминаи эътимод ба система ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба рушди шахсӣ мебошанд.

Дар асоси таҳқиқоти Дуглас Норт (1990) ва Элинор Остром (2009), институтҳои самаранок на танҳо қоидаҳои бозиро муайян мекунанд, балки муҳити рушди иҷтимоиву иқтисодиро низ таъмин мекунанд.

# Аҳамияти институтҳо дар баланд бардоштани сармояи инсонӣ

Модели таълим ва бозори меҳнат нишон медиҳад, ки бе институтҳои самараноки маориф, ҳифзи иҷтимоӣ ва бозори меҳнат, сармояи инсонӣ наметавонад ба таври кофӣ рушд кунад[1].

1. North, D. (1990). Institutions,

Institutional Change and Economic Performance.

# Аҳамияти институтҳо дар баланд бардоштани сармояи инсонӣ

**Ҷадвали 1.**

Намудҳои институтҳо дар шароити муосир вобаста ба маҳсулот ва таъсири дарозмуддат

| Намуди институт | Маҳсули бевосита | Таъсири дарозмуддат |
|---|---|---|
| **Маориф** | Дониш, малака, қобилиятҳо | Истеҳсолот, навоварӣ, рақобатпазирӣ |
| **Тандурустӣ** | Саломатӣ, қобилияти корӣ | Мӯҳлати умр, самаранокии меҳнат |
| **Меҳнат ва бозор** | Ҳифзи ҳуқуқ, маоши одилона | Суботи иҷтимоӣ, ҳавасмандии фаъолият |
| **Институтҳои сиёсӣ** | Амният, субот, қонунмандӣ | Сармоягузорӣ ба таҳсилу худрӯшди |

**Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои мавҷуда тартиби дода шудааст.**

# Аҳамияти институтҳо дар баланд бардоштани сармояи инсонӣ

Ба андешаи Дуглас Норт «институтҳо» аз «ташкилотҳо» куллан фарқ менамояд ва мафҳуми онҳоро аз ҳам ҷудо намуда, якумро қоидаҳои бозӣ ва дуюмиро бозигарон номидааст; ҳамин тариқ, ду тафсири институтҳо дар як формула муттаҳид гардиданд.

# Аҳамияти институтҳо дар баланд бардоштани сармояи инсонӣ

Якум институтҳо ҳамчун танзимкунанда, аз тарафи дигар ҳамчун «максимизаторҳо» -и танзимшавандаи фоидаи инфиродӣ ва «минимизаторҳо»-и хароҷоти транзаксия амал менамоянд. Ба «институтҳо-ташкилотҳо»-и такрористеҳсоли сармояи инсонӣ давлат, оила, низоми маориф, низоми тандурустӣ ва корхонаҳое дохил мешаванд, ки аз як тараф ҳамчун танзимкунанда, аз тарафи дигар ҳамчун танзимшаванда, ба сифати объект ва субъекти идоракунии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ баромад мекунанд.

# Аҳамияти институтҳо дар баланд бардоштани сармояи инсонӣ

Яке аз хусусиятҳои асосии фарққунандаи нақши давлат дар иқтисоди бозорӣ ин таваҷҷуҳ ба институтҳои ғайрирасмӣ мебошад, зеро дар ҳолати таъсис додани институтҳои расмӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидан қариб ки ғайри имкон мебошад, зеро онҳо танҳо дар сурати пурра шудан ва таҳкими онҳо бо меъёр ва муносибатҳои ғайрирасмӣ ба кор шурӯъ мекунанд. Дар акси ҳол, дар иқтисодиёт ихтилофи институтҳо ва қонунҳо ба амал меояд. Барои ба амал наомадани чунин ихтилофҳо метавонанд аз равиши онҳо ҷудогона истифода намоянд.

## Хусусиятҳои хосии институтҳо дар рушди сармояи инсонӣ

Афзалиятҳои нақши давлат дар ташкили институтҳои нав, ба фикри мо, имконияти тезтар ҷорӣ намудани институтҳои нави расмӣ дар иқтисодиёт мебошад. Агар ташаккулёбии табиии институтҳо дар натиҷаи селексия муҳлати ба кофӣ дарозро талаб намояд, он гоҳ давлат метавонад дар давоми қариб чанд рӯз институти нави расмиро ҷорӣ намояд, ки ба сифати ташаббускори дигаргунӣ баромад мекунад.

# Хусусиятҳои хосии институтҳо дар рушди сармояи инсонӣ

Мо чунин мешуморем, ки чунин имкониятҳо дар назди давлат дар соҳаи ислоҳоти иқтисодиёти миллӣ, ба эътидол овардани макроиқтисодӣ ва ташаккули самти мусбати рушди иқтисодиёти кишвар, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва худшиносии он дурнамои номаҳдуд мекушоянд.

# Хусусиятҳои хосии институтҳо дар рушди сармояи инсонӣ

Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки давлат қодир аст ба низоми институтҳои ғайрирасмӣ таъсири ғайримустақим расонад, ки бо ёрии идеологияи иҷтимоӣ амалӣ гардида, аз институтҳои ғайрирасмӣ вобаста буда, масалан, майл ба сарфакорӣ таъсир расонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди институтсионаликунонии иқтисод ҳанӯз дар марҳалаи аввали рушди худ қарор дорад. Аксар муассисаҳо ҳанӯз вазифаҳои худро пурра иҷро карда наметавонанд, баъзеи онҳо нақши боздорандаро мебозанд.

# Хусусиятҳои хосии институтҳо дар рушди сармояи инсонӣ

Ин, пеш аз ҳама, ба институтҳои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дахл дорад. Ба кор андохтани муассисаҳо тамаркузи ҷидду ҷаҳди илму амалияро пешбинӣ менамояд.

Айни замон дар сохтори мақомоти идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯъбаҳои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ ҳамчун яке аз омилҳои ҳалкунандаи рушди иқтисодиёт вуҷуд надоранд.

# Хусусиятҳои хосии институтҳо дар рушди сармояи инсонӣ

Ҳамчунин механизмҳои танзимшавандаи ҳамоҳангсозии амалиёти мақомоти гуногуни идораи ҳудудӣ вуҷуд надоранд, ки динамикаи афзояндаи сармояи инсониро таъмин мекунанд. То кунун дар бораи раванди мақсадноки идоракунии ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон ҳамчун омили муҳимтарини рушди иқтисоди кишвар сухан гуфтан ғайриимкон аст. Дар баробари ин дар кишварҳои пешрафта тамоюлҳои равшани сиёсати мақсадноки ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ мушоҳида мешаванд.

# Хусусиятҳои хосии институтҳо дар рушди сармояи инсонӣ

Дар ин шароит интихоби равиши институтсионалии баррасӣ ва тавзеҳи динамикаи равандҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар бо назардошти тағйироти онҳо имкон медиҳад, ки механизмҳо ва омилҳои таъсиррасонии институтҳо ба истифодаи сармояи миллии инсонӣ ва рушди минбаъдаи он амиқтар омӯхта шавад.

Дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт таваҷҷуҳ ба сармояи инсонӣ омили муҳимми татбиқи сиёсати оқилонаи иқтисодиву иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Сармояи инсонӣ - категорияи мураккаби иқтисодӣ мебошад, ки барои расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди устувори иқтисоди миллӣ муҳим аст.

# Хусусиятҳои хосии институтҳо дар рушди сармояи инсонӣ

Дар баробари ин, сармояи инсонии баландсифат сармоягузории доимиро ба унсурҳои таркибии он, ба мисли маориф, тандурустӣ ва зудҳаракатӣ талаб мекунад. Асосҳои консептуалии ташаккул ва самараноки сармояи инсонӣ ба фароҳам овардани муҳити муассири институтсионалӣ барои ҳамкории оптималии байни низомҳои маориф, тандурустӣ ва танзими равандҳои муҳоҷират бо назардошти сифат ва нишондиҳандаҳои микдори иқтидори инсонӣ, ҷиҳати оқилона истифода бурдани иқтидори табиии минтақаҳо мусоидат мекунад.

# Хусусиятҳои хосии институтҳо дар рушди сармояи инсонӣ

Механизми сармоягузорӣ ба рушди сармояи инсонӣ ташаккли муҳити ниҳодии самаранокро бо назардошти ҳамкории ниҳодҳои гуногун талаб мекунад. Давлат накши ҳамоҳангсози тамоми кӯшишҳои ҷамъоварӣ ва рушди сармояи инсониро дар муҳити институтсионалӣ ба худ ихтисос медиҳад. Дар баробари ин хусусиятхои тараккиёти хозираро ба назар гирифтан лозим аст. Дар робита ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин амиқтар шудани равандҳои ҷаҳонишавӣ, афзоиши ҷараёни муҳоҷират, баланд шудани накши дониш ҳамчун ядрои муҳимми гузариш ба модели инноватсионии рушд мебошад.

# Хусусиятҳои хосии институтҳо дар рушди сармояи инсонӣ

Қобили қайд аст, ки дар сохтори мақомоти идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯъбаҳои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ ҳамчун яке аз омилҳои ҳалкунандаи рушди иктисодиёт вуҷуд надоранд. Ҳамчунин механизмҳои танзимшавандаи ҳамоҳангсозии амалиёти мақомоти гуногуни идораи ҳудудӣ дар фазоли ниҳодии такорористеҳсоли сармояи иноснӣ вуҷуд надоранд, ки динамикаи афзояндаи сармояи инсониро бо таваҷҷуҳ ба танзими ниҳодҳои марбут таъмин мекунанд.

## Хусусиятҳои хосии институтҳо дар рушди сармояи инсонӣ

То кунун дар бораи раванди мақсадноки идоракунии ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон ҳамчун омили муҳимтарини рушди иқтисоди кишвар сухан гуфтан ғайриимкон аст. Дар баробари ин дар кишварҳои пешрафта тамоюлҳои равшани сиёсати мақсадноки ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ мушоҳида мешаванд. Дар ин шароит интихоби равиши институтсионалии баррасӣ ва тавзеҳи динамикаи равандҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар бо назардошти тағйироти онҳо имкон медиҳад, ки механизмҳо ва омилҳои таъсиррасонии ниҳодҳо ба истифодаи сармояи миллии инсонӣ ва рушди минбаъдаи он амиқтар омӯхта шавад[1].

1. Одинаев А.М. Такмили механзими рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ. Душанбе 2023. Саҳ. 62.

# Хусусиятҳои хосии институтҳо дар рушди сармояи инсонӣ

Рушди сармояи инсонӣ на танҳо аз саъю кӯшиши шахсӣ, балки аз сифати институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ вобаста аст. Институтҳои қавӣ ва самаранок метавонанд муҳити мусоид барои рушди инсон, баробарии имконот ва инкишофи доимии захираҳои инсониро фароҳам созанд. Барои кишварҳои рӯ ба рушд, тақвияти институтҳо ва мубориза бо фасод аҳамияти калидӣ доранд.

Сармояи инсонӣ яке аз муҳимтарин захираҳоест, ки рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварро таъмин мекунад. Дар ин раванд, институтҳо - ҳамчун низомҳои ташкилёфта ва қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ - нақши калидӣ доранд. Мақсади ин мақола таҳлили хусусиятҳои хоси институтҳо дар раванди рушди сармояи инсонӣ мебошад.

# Хусусиятҳои хосии институтҳо дар рушди сармояи инсонӣ

Сармояи инсонӣ - яке аз захираҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Он маҷмӯи дониш, малака, қобилиятҳо ва сифатҳои шахсии афродро дар бар мегирад, ки барои баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва инноватсияҳо истифода мешаванд. Ташаккули сармояи инсонӣ на танҳо натиҷаи кӯшиши шахсӣ, балки омили муҳими муҳити иҷтимоӣ ва институтсионалӣ мебошад.

Институтҳо, ки қоидаҳо, сохторҳо ва механизмҳои ташкили ҷомеа ва иқтисодро фаро мегиранд, нақши калидиро дар ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ мебозанд.

# ХУЛОСА

Мушкилаҳои рушди низоми маорифи тоҷик истифодаи равишҳои муосири таҳқиқотиро дар таҳлили динамикаи институтсионалӣ талаб мекунанд. Ҳангоми омӯзиши тағйироти институтсионалӣ бояд ба назар гирифта шавад, ки сохтори институтсионалӣ дорои хосияти инерсия мебошад, ки ин маънои онро дорад, ки аксари навовариҳои институтсионалӣ (одатан бо самараи доимӣ ва коҳишёбандаи микёс) дар раванди таҳаввулоти низоми иқтисодӣ ё иҷтимоӣ рад карда мешаванд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти табдили институтсионалӣ ҳатман баррасии заминаи таърихии тағйироти ба амаломадаро дар бар мегирад.

# Адабиёт:


1. Норт, Дуглас. Институтсионалӣ ва тағйироти иқтисодӣ. (1981)

2. Одинаев А.М. – Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ, Душанбе 2023, саҳ. 56-66

3. North, D. (1990). Institutions, Institutional Change and Economic Performance.

4. Рустамзода Ф.М. Рушди сармояи инсонӣ дар шароити муосир, Душанбе 2023.